**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

1. Диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти илмии пешниҳодшуда танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили ҳамаҷониба ва амиқ қарор дода мешавад. Дар доираи мавзуъ мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ баррасӣ гардида, ҷойгоҳ ва нақши онҳо дар низоми ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Дар диссертатсия табиати ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ, объект ва мавзуи онҳо, инчунин доираи субъектҳо, аз ҷумла иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, мазмун ва ҳаҷми ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ҳуқуқҳои молумулкии субъектҳои мазкур, муҳлати амали онҳо, асосҳои ба вуҷуд омадан, татбиқ ва қатъ гардидани ҳуқуқҳо таҳлил карда шудаанд. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисосҳои илмие, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи он (12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) додани дараҷаи илмиро муқаррар кардааст, мутобиқат мекунад. Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки рисолаи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалӣ доир ба масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Зарурати анҷом додани чунин таҳқиқот, пеш аз ҳама, ба рушди босуръати муносибатҳои иттилоотӣ, технологияҳои рақамӣ, васеъ гардидани истифодаи объектҳои моликияти зеҳнӣ, инчунин зиёд шудани ҳолатҳои вайрон гардидани ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ дар амалия вобаста мебошад. Дар рисола ба таври муназзам таърихи ташаккул ва инкишофи ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ, мафҳум ва моҳияти онҳо,

ҷойгоҳ ва аҳаммияти ин ҳуқуқҳо дар низоми ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамзамон, табиати ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ, объект ва мавзуи онҳо, доираи субъектҳо (иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ), инчунин мазмун ва ҳаҷми ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва молумулкии онҳо таҳлил гардидааст.

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 18 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 12 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, дар ҳаммуаллифӣ 1 монографияи дигар дар самти танзими ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ ба табъ расонидааст. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, №493) таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва хаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи

ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоилро дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ ба диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ, муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

Бобозода Ҷамрод Қурбон - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тодикистон;

- Мавлоназаров Одилбек Абдулназарович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии «Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ: Муртазозода Ҷ.С.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
вакили Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомзода Н.М.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Аминова Ф.М.

Имзои Муртазозода Ҷ.С. ва Имомзода Н.М.-ро
тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Имзои Аминова Ф.М.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ Исмоилова М.Н.
30.01.2026